USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОҒОХОН

# ҶОНВАРОНИ ХОНАГӢ

Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Як** гурбаи мав-мавӣ.





**One** meow meow cat

**Ду** сагчаи ав-авӣ





**Two** barking dogs

**Се** сар гови дӯшоӣ





**Three** milking cows

**Чор** бузаки таҳҷой





**Four** local goats

# **Панҷ** барраи ҳисорӣ





**Five** pedigree lambs

# **Шаш** мурғаки чипорӣ





**Six** fast running chickens

# **Ҳафт** кабки хушхиромак





**Seven** phesants with
an elegant look

**Ҳашт** аспи хушсаломак





**Eight** affable horses

**Нӯҳ** сар хари барзангӣ





**Nine** good-dore donkeys

**Даҳ** сар хурӯси ҷангӣ





**Ten** fighting corkerels

**Б**обои Барзу дорад!

Аз нав кӣ мешуморад?





Has a grandpa Barzu!
Who is willing to count again?

**С**аволҳо:

Ҷонварони матнро номбар карда, онҳоро шуморед.
Сифатҳои ин ҷонваронро шарҳ диҳед?
Чаро муаллиф маҳз ҳамин ҷонваронро дар китоби худ овардааст?

**Q**uestions:

Name the animals in the story, and then count them.
Describe particular features or characteristics of these animals.
Why did the author choose these specific animals for his book?

## Калонсолони гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

**Комёбу муваффақ бошед!**